Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод гардидааст**

Сармоягузорӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ, бахусус сиёсати молиявии давлат баромад намуда, нақши калидиро дар татбиқи лоиҳаҳо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ мебозад. Самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ бевосита ба сатҳи иҷрои ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва рушди устувори иқтисодӣ таъсир мерасонад. Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки дар замони имрӯза, бо назардошти дигаргуншавии вазъи иқтисодӣ-сиёсӣ ва равнақу тавсеаёбии раванди ҳамгироӣ дар саросари олам, фаъолгардонӣ ва беҳдоштсозии масъалаи сармоягузориҳо дарривоҷу рушди минтақаҳо зарурат ва мубрамияти бештарро касб менамояд. Дар ин гуна шароит масъалаҳои мансуб ба сармоягузорӣ барои таҳқиқотчиён ҷолибияти зиёдтарро ба бор меоварад, зеро аз як тараф ҷаҳонишавии иқтисод ва аз тарафи дигар ҷангҳои иқтисодӣ ва эълони таҳримҳо, махсусан дар самти ҷалби сармоя боис ба коҳиши сармоя ва сармоягузориҳо гардида истодаанд (саҳ. 3).

Дар ин замина, бо дараҷаи баланди эҳтимол метавон изҳор намуд, ки омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои методологии ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалб ва тақвияти сармоя аҳаммияти муҳим дошта, метавонад дар баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ нақши назаррас иҷро намояд. Дар ҳамин раванд, ҷустуҷӯ ва муайян намудани роҳу усулҳои самараноки татбиқи сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ дорои аҳаммияти хос мебошад.

Дар ин самт, муайянкунии нақш ва мақоми механизми дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа, инчунин коркарди чорабиниҳо ва тавсияҳои амиқ ҷиҳати такмили минбаъдаи ин механизм бо истифода аз равиши маҷмӯӣ ва таҳлили вазъи ҷолибияти сармоягузории минтақа саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Унвонҷӯ қайд менамояд, ки расидан ба тавсеаи иқтисодӣ ва дар заминаи он татбиқи ҳадафҳои аслии рушди устувор дарёфти маблағҳои бузург ва истифодаи оқилонаи ин воситаҳоро тақозо менамояд, бар ин асно таъсису татбиқи сиёсати босамари сармоягузорӣ метавонад дар роҳи расидан ба ин ҳадафи муҳими вижагии иқтисодӣ-иҷтимоидошта мусоидат намояд. Дар шароити кунунӣ, коркарди сиёсати сармоягузории ботадбирона имкон дорад

дар беҳдошти вазъи иқтисоди миллӣ, ривоҷи муназзаму мувозини минтақаҳои кишвар созгорӣ намояд. Аз ин хотир, густариши иқтидори сармоягузорӣ барои иктисоди дилхоҳ кишвар, иҷрокунандаи нақши калидӣ мебошад. Бинобар ин, дар роҳи расидан ба чунин ҳадафҳо омӯзиши масъалаҳои назариявии ташкили фаъолияти сармоягузориҳо ва назарияпардозиҳои олимону мутафаккирони ватанию хориҷӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (саҳ.11).

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки муаллиф сарчашмаҳои гуногуни сармоягузориро дар минтақа таҳлил намуда, мавқеи худро дар самти истифодаи самараноки онҳо пешкаш кардааст. Масалан, ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллиро дар ҷадвали 7 (саҳ. 28) пешниҳод намуда, қайд кардааст, ки дар давоми марҳилаи таҳқиқотӣ маблағи мусоидатҳои молиявӣ барои вилояти Хатлон, ВМКБ ва НТҶ дар умум 4 460 087 млн. сомониро ташкил дод. Маблағи мусоидатҳои молиявӣ дар ин айём тамоюли афзоишёбандаро инъикос менамоянд. Мусоидатҳои молиявӣ дар шаҳрҳо ва НТҶ ба 1 176 686 сомонӣ баробар мебошанд. Дар соли 2022 маблағи умумии мусоидатҳои молиявӣ барои НТҶ 325 272 сомониро ташкил намуд. Дар соли 2023 ин маблағ дар умум барои НТҶ 382 373 сомониро дар бар гирифт, тавре аз таҳқиқот бармеояд ҳаҷми мусоидатҳои молиявӣ дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба андозаи 17,55% зиёд мебошанд. Дар соли 2024 бошад, ҳаҷми умумии мусоидатҳои молиявӣ барои НТҶ дар умум 469 141 сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2023 ба андозаи 22,7% ва нисбат ба соли 2022 ба андозаи 44,23% зиёд мебошад (саҳ. 28-29).

Ба андешаи унвонҷӯ, яке аз механизмҳои муассири ҷалби сармоя ба минтақаҳо ташкили низоми мунтазами намоишгоҳҳои иқтисодӣ ва саноатӣ дар дохили кишвар ва берун аз он маҳсуб меёбад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки роҳандозии чунин платформаҳо ба тақвияти ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо тавлидкунандагони маҳсулоти ватанӣ ва корхонаҳои саноатӣ мусоидат намуда, имкониятҳои муаррифии иқтидори истеҳсолӣ ва ҷалби сармоягузорони эҳтимолиро фароҳам месозад. (саҳ. 35). Иштироки фаъоли корхонаҳои минтақавӣ дар намоишгоҳҳои миллӣ ва байналмилалӣ метавонад ҳамчун омили муҳим дар ҷалби сармояи мустақим, баланд бардоштани имиҷи иқтисодии минтақаҳо ва тақвияти рақобатпазирии иқтисоди миллӣ баромад намояд. Аз ин рӯ, ташкили намоишгоҳҳо ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузории давлатӣ дорои аҳамияти стратегӣ арзёбӣ мегардад. (саҳ. 36).

Дар баробари бартариятҳои зиёди автореферати диссертатсия баъзе тавсияҳоеро пешниҳод намудан мумкин аст:

1. Асосноккунии илмӣ ва роҳҳои ба даст овардани на ҳамаи навгониҳои илмӣ дар матни автореферати диссертатсия ҷой дода шудааст.

2. Дар матни автореферат баъзе аз хатоҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва самаранокии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонад.

Мундариҷаи автореферати диссертатсия бо истифода аз принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардидааст ва иҷрои мақсаду вазифаҳои гузошташуда инъикоси худро ёфтааст.

Шиносоӣ бо мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки унвонҷӯ дорои дониши васеи назариявӣ ва амалӣ буда, ҷиҳати илмӣ ва амалии мавзуъро ниҳоят муфассал нишон додааст. Таҳлили васеи маълумотҳо ба муҳаққиқ имкон додааст, ки дар автореферат хулосаҳои илман асоснокро пешниҳояд намояд. Натиҷаҳои асосии тадқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конфренесияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд.

Аз мазмуну мундариҷаи автореферат бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Сафармад Саид дар мавзуи «Такмили механизмҳои дастгирии сармоягузории сиёсати иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Мудири кафедраи молия ва қарз
дар КАС-и Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур,
номзади илмҳои иқтисодӣ Бобозода Алишер Абдураҳмон

*Имзои Бобозода А.А.-ро тасдиқ мекунам.*

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Қурбонзода Аваз Хол

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.
E-mail: a_bobozoda@mail.ru
Телефон: (+992) 900-64-19-25

«09» 02 соли 2026